Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

20 марти соли 2024
Чоршанбе
№ 23 (15034)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҶАШНИ НАВРӮЗ БО ХУШХАБАРҲОИ БА ОЯНДАИ ПОЙТАХТ ДАХЛДОР ОҒОЗ МЕШАВАД

**Президент Шавкат Мирзиёев 19 март дар шаҳри Тошканд бо фаъолияти иншоотҳои соҳаи саноатӣ ва иҷтимоӣ, корҳо оид ба ободонӣ ва созандагӣ дар маҳаллаҳо шинос шуда, дар чорабинии ниҳолшинонии баҳорӣ иштирок кард.**



Нуқтаи аввалин заводи рехтагариву механикӣ буд.

Заводе, ки беш аз 40 гектар майдон дорад, пештар бо тамоми иқтидор кор намекард ва камдаромад буд. Бинобар ин ба ихтиёри Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» гузаронида шуда, соли 2013-ум бозсозӣ гардид. Солҳои охир ҳудуди истеҳсолот хеле васеъ шуд, ки самарабахшии иқтисодии корхонаро афзун сохт.

Алҳол корхона метавонад соле 1,2 ҳазор вагон истеҳсол карда, 1,5 ҳазор адад вагонҳои боркашониро таъмир намояд.

Маҳсулоти корхона харидоргир мебошанд. Аз ҷумла, шаш навъи вагонҳои боркашонии нимпӯшидаву пӯшида, бо пойгоҳи тӯлонӣ, барои кашондани ғалла, симон, нуриҳои минералӣ истеҳсол карда мешаванд.

Истеҳсолоти рехтагарӣ соҳаи асосӣ ба шумор меравад, метавон онро «қалб»-и саноати вазнин ҳисобид. Дар корхона аз ҳисоби 120 миллион доллар сехи рехтагарӣ бунёд карда шуд, ки қодир аст соле 26 ҳазор тонна маҳсулот истеҳсол кунад. Дар ин ҷо тамоми навъи қисмҳои эҳтиётӣ, ки дар истифодабарии роҳҳои оҳан ва таъмири таркиби ҳаракаткунанда истифода мешаванд, истеҳсол мегарданд.

Роҳбари давлат бо маҳсулоти истеҳсолшаванда шинос гардид.

– Алҳол мақсади асосии мо ин фароҳам овардани миқдори зиёди ҷойҳои корӣ мебошад. Чунончӣ, соли равон мо мехоҳем дар мамлакатамон 100 ҳазор хона бунёд кунем. Ин хонаҳо кадом вақт ба мардум писанд меоянд? Вақте ки дар шафати хонаҳо ҷойи корӣ бошад. Бинобар ҳамин ҳам дар маҳалҳо, чун дар қитъаҳои наздиҳавлигӣ, лоиҳаҳои иқтисодӣ бо дарназардошти наздикиашон ба хонаҳои бисёрҳуҷра тарроҳӣ мешаванд. Ба онҳое, ки бекоранд, бобати бо ҷойи кор таъмин шудан кумак расонида мешавад. Дар ин бобат чунин корхонаҳо нақши муҳим мебозанд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Қайд гардид, ки бояд дар маҷмӯъ истеҳсоли маводро барои сохтмон, хоҷагиҳои коммуналӣ ва дигар соҳаҳо зиёд карда, соҳибкоронро бо ин имкониятҳо шинос намуда, миқдори супоришҳоро афзун гардонд. Ин, дар навбати аввал, ба ташкили ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои омехта мусоидат менамояд.

Дар корхона 26 сех, аз ҷумла сехҳои вагонсозӣ, механикиву ҷамъкунӣ, чархсозӣ, рехтагарӣ, таъмирӣ, тайёркунӣ ва мураттабсозӣ амал мекунанд. Президент ҷараёни истеҳсолотро дар сехҳои мазкур аз назар гузаронд.

Дар корхона тайи солҳои 2018-2023 барномаи азхудкунии истеҳсолоти тақрибан 100 навъи маҳсулот татбиқ шуд. Соли 2023-юм дар ҳаҷми умумии 267 миллиард сўм маҳсулот истеҳсол гардид, 170 вагон ва қисмҳои эҳтиётии арзишашон 10 миллион долларина ба содирот бароварда шуданд. Соли равон то ба 15 миллион доллар зиёд кардани ҳаҷми содирот пешбинӣ гардидааст.

Дар корхона меъёрҳои байналхалқии низоми менеҷменти сифати ISO 9001 ва низоми менеҷменти энергетикии ISO 50001 ҷорӣ карда шудаанд.

Сипас роҳбари давлати мо дар Боғи ҷавонон, ки дар ноҳияи Сергелии пойтахт бунёд меёбад, ниҳол нишонд.

Тавре ки маълум аст, бо ташаббуси Президент аз соли 2021 лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» татбиқ мегардад. Аз ҷумла, барои беҳтар кардани вазъи экологӣ «хати сабз»-и Тошканд барпо карда мешавад. Боғи ҷавонон қисми муҳими он хоҳад шуд.

Ба роҳбари давлат дар бораи лоиҳаи боғ маълумот дода шуд. Масоҳати он аз 75 гектар зиёд буда, бинобар ҳудудаш баъд аз хиёбони «Ўзбекистони Нав» дар ҷойи дуюм қарор хоҳад дошт.

Боғ ба ҳафт минтақаи бузург тақсим мешавад. Дар майдони марказӣ барои маҷлисҳои гуногун майдончаҳо сохта хоҳанд шуд, дар ҳамин ҷо амфитеатр барои ҳазор тамошобин, минтақаи таомҳои миллӣ ва хориҷӣ сохта мешаванд.

Ҷойҳои махсус барои хўрокхўрӣ дар ҳавои кушод ва машғулиятҳои фароғатӣ бунёд мегарданд. Фавворaҳои мусиқӣ, кинотеатри зери осмони кушод, намоишгоҳи санъат ва мавзеъҳои шодмонӣ бунёд мегарданд. Барои кўдакон ва бачагон майдончаҳои варзишиву бозӣ, саҳнаҳои рамзии афсонаҳои машҳур, устохонаву китобхонаҳо муҷаҳҳаз карда хоҳанд шуд. Кўли сунъӣ, ҳавзи қаиқронӣ ва шиноварӣ, ҷой барои моҳидорӣ тамошобинонро хурсанд карда метавонанд.

Дирўз дар боғ бо иштироки ҷомеаҳои Тошканд, муассисаҳои давлатӣ ва ҳайатҳои дипломатӣ, ҳамчунин ҷавонон ниҳоли дарахтони аввалин нишонда шуданд.

Президент бо сармоягузорон ва лоиҳакашоне, ки дар бунёди он иштирок кардаанд, ҳамчунин бо дипломатҳои хориҷӣ суҳбат кард.

– Халқи мо аз қадимулайём ба ниҳолшинонӣ одат кардааст. Амир Темур дар атрофи Самарқанд боғҳои зебо бунёд карда, шаҳрҳои дигарро низ обод намудааст. Мо ин корро идома медиҳем, то сазовори гузаштагони бузурги худ бошем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат бо ҳамватаноне, ки ба ин ҷо омадаанд, ҳамсуҳбат шуд, онҳоро бо ҷашни Наврўз муборакбод кард.

Дар боғ дар навбати аввал зиёда аз ҳазор ниҳоли дарахтони шоҳбулут, заранг, чинорҳои шарқӣ, магнолия, туя, ҳамчунин буттаю гулҳо нишонда хоҳанд шуд. Баъди анҷом ёфтани иҷрои лоиҳа миқдори онҳо ба 20 ҳазор адад мерасад.

Хусусияти дигари боғ бунёди манзараи табиӣ ва минтақаҳои ҷангаливу экзотикии он мегарданд. Пас аз ба истифода супурдани он дар ин ҷо зиёда аз 350 ҷойҳои корӣ муҳайё хоҳанд шуд.

Алҳол чорабиниҳо бобати нишондани ниҳоли дарахтон дар минтақаҳо низ амалӣ мешаванд. Умуман дар майдони 347 гектар ҳудудҳои сабз бунёд шуданд, 187 боғи вазорат ва ҳокимиятҳо ташкил гардиданд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз корхонаи оид ба истеҳсол ва таъмири вагонҳои мусофиркашони Тошканд боздид ба амал овард.

Дар мамлакати мо нақлиёти роҳи оҳан инкишоф меёбад, миқдори хатсайрҳо меафзояд. Ин, дар навбати худ, талаботро ба вагонҳо зиёд мекунад.

Дар корхона 16 навъи вагонҳои мусофиркашонӣ истеҳсол ва таъмир карда мешаванд. Соли гузашта дар завод 32 адад вагонҳои мусофиркашон истеҳсол ва 319 вагон таъмир карда шуданд. Таъкид кардан муҳим аст, ки дар пояи кооператсия 70 фоизи қисмҳои эҳтиётӣ азхуд карда шуданд.

Умуман тўли солҳои сипаришуда зиёда аз 300 вагони мусофиркашон ва хидматӣ истеҳсол гардиданд, ки беш аз 50 адади онҳо ба содирот бароварда шуданд. Ғайр аз ин 112 вагони метрополитен бозсозӣ карда шуд.

Вагонҳо ба 28 соли истифода муқаррар гардидаанд ва ба талаботи байналхалқӣ куллан мусоидат мекунанд, қулаиро барои мусофирон таъмин менамоянд, сифати баланд доранд ва бехатаранд.

Низоми гармкунӣ ва сардкунӣ такмил ёфта, тартиби бодбезӣ беҳтар гардидааст. Дастгоҳ барои гарм кардани об ҳам барои кор бо электр ва ҳам бо ангишт пешбинӣ шудааст. Барои мусофирон бобати бо оби тозаву сарди нўшокӣ таъмин кардани онҳо, ҳамчунин барои қувват гирифтани телефонҳо асбобҳои махсус пешбинӣ мегарданд. Дар корхона 619 нафар муҳандисон ва коргарон меҳнат мекунанд.

Президент вагонҳоро аз назар гузаронид. Вай зарурияти тағйир додани ороиши онҳо ва беҳтар кардани қулаиҳо барои мусофиронро таъкид намуд. Бобати вусъат додани электриконии шабакаҳои роҳи оҳан, фаро гирифтани ноҳияҳои дорои аҳолии зиёд, созмон додани иқтидорҳои алоҳида барои соҳа супоришҳо дода шуданд.

Соли равон истеҳсол ва таъмири садҳо вагон ба нақша гирифта шудааст. Ғайр аз ин истеҳсоли вагонҳои махсус барои корхонаҳои кўҳиву металлургӣ ва аз худ намудани навъҳои нави вагонҳо бо купеи васеъ пешбинӣ мегардад.

Ба роҳбари давлат лоиҳаи наве, ки ба роҳ мондани истеҳсоли қатораҳои барқӣ ва поездҳои метроро пешбинӣ менамояд, муаррифӣ карда шуд.

Ҳамчунин дар бораи ба роҳ мондани ҳаракати қатораҳои баландсуръати байни Тошканд ва Хива, ки ба нақша гирифта шудааст, маълумот пешниҳод гардид. Президент соли 2022-юм дар маросими гузоштани ҳайкали Ҷалолиддини Мангубердӣ дар Хоразм аз ин хусус сухан карда буд. Хариди қатораи барқии баландсуръати «Hyundai Rotem» аз Куриёи Ҷанубӣ пешбинӣ гардидааст. Қатораи барқии дорои ҳафт вагон 351 мусофирро гунҷонида метавонад ва қодир аст суръаташро соате то ба 250 километр тезонад.

Ба маҳаллаи Дилбулоқи ноҳияи Яккасаройи пойтахт Наврўзи имсола бо рўҳбаландии дигар ворид гашт. Дар асоси шарикии давлативу хусусӣ идораи замонавии маҳалла барпо карда шуд. Роҳравҳои миёни манзилҳои бисёрошёна, кўчаҳои дохилӣ, таҳхонаҳо аз таъмир бароварда шуданд. Соҳили Анҳор ба тартиб оварда, ба сайргоҳи обод табдил ёфт. Гулистон, ниҳолҳо, пиёдароҳҳо ба маҳалла зебоӣ бахшиданд.

Тирамоҳи соли гузашта дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» наздик ба 4 ҳазор бех дарахту буттаҳо шинонда шуда буданд. Имрўзҳо ба майдонҳои пешорўйи манзилҳои бисёрошёна райҳон, гули намошом барин наботот файз мебахшанд.

Дар маҳаллаи Дилбулоқ зиёда аз 6 ҳазору 700 нафар аҳолӣ истиқомат менамояд. Маҳалла ба хидматрасонӣ ва истеҳсолот ихтисосонда шудааст. Дар наздик сесадто шохобчаҳои савдо, саноат ва хидматрасонӣ ҷавонони маҳаллӣ ва бонувон кор мекунанд. Ташкилоти таълими томактабӣ, поликлиникаи оилавӣ, мактаби варзишии ихтисосондашуда, филиали институти педагогӣ фаъолият мебарад.

Дар асоси тамоюли «Маҳаллаи бехавф» ба ҳудуд 360-то асбобҳои назорати видеоӣ насб карда, онҳо ба хонаи нозири профилактикӣ пайваст мебошанд.

Соли гузашта 112 нафар ба кор таъмин гардида, 181 нафар худро банд намуданд. Барои ба соҳибкорӣ ҷалб намудани аҳолӣ ба 23 лоиҳа кредит ва ба наздик даҳ нафар шаҳрвандон субсидия ҷудо карда шуд. Дар маҳалла сехи дўзандагӣ, салуни зебоӣ, хидматҳои полиграфӣ ва компутерӣ, китобхона, дўконҳои озуқаворӣ ва қаннодӣ ташкил карда шудааст.

Роҳбари давлати мо ин маҷмааро аз назар гузаронда, бо аҳли маҳалла суҳбати самимӣ ороcт.

– Пеш аз ҳама шуморо ба айёми фархунда – Наврўзе, ки фаро мерасад, табрик менамоям. Ободӣ, ҷойҳои корӣ ва фазои идонаи маҳаллаатонро дидаву ҳис карда, мамнун шудам. Чаро зуд-зуд ба маҳалҳо меравам? Чунки ман ба одамон бовар мекунам. Барои ин тавр шудани маҳаллаҳои дигар бояд талош кунем. Дар мамлакатамон 9 ҳазору 450-то, дар Тошканд 585-то маҳалла мавҷуд аст. Ҳоло мо низоме ташкил мекунем, ки ташкилотҳои маҷмўии иқтисодиро бо маҳалҳо мепайвандад. Мақсади мо – ба ҳар як хонадон, ба ҳар як инсон расида рафтан. Ризоияти халқро гирифтан, ба дуои он муносиб шудан ба ҳамаамон насиб кунад, – гуфт Президент.

Ин гуна чораҳои манзилнок дар мулоқотҳо бо «ҳафтгонаи маҳалла» ва мутасаддиён муҳокима карда шуданд.

– Чунон ки маълум аст, ташкилотҳои маҷмўии иқтисодиро ба маҳаллаҳо вобаста карда истодаем. Дар ин ҷо бонкҳо низ мавқеъ доранд. Лозим аст тавассути онҳо ба корхонаҳои ноҳия шароитҳои иловагӣ офарида, вомҳои хурд дода, ҷойҳои нави корӣ офариданашонро дастгирӣ намоем. Акнун маҳаллаҳо ҳам бояд ба замон муносиб ва серҳаракат бошанд. Умуман, ба одаме, ки кор кардан мехоҳад, шароит фароҳам оварем, – гуфт роҳбари давлат.

Мутахассисон доири дар маҳаллаҳо ташкил намудани фаъолияти маҷмўи иқтисодӣ, вазифаҳо оиди таъмини одамон ба шуғл дар шароити шаҳр маълумот доданд.

Сипас сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев аз хона-интернати кўдакони имконияташон маҳдуди «Мурувват»-и рақами 1 дидан кард.

Ўзбекистон – давлати иҷтимоӣ. Ин ба арзишҳои азалии халқи мо ва тамоюлҳои эҳтиром ба шаъну шарафи инсон мувофиқат мекунад. Дар тўли панҷ соли охир маблағгузорӣ аз Буҷаи давлат барои хонаҳои «Мурувват» беш аз се баробар зиёд гардид. Инчунин шумораи кормандон ва гунҷоиши ин муассисаҳо афзуд.

Соли гузашта Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо мақсади расондани хидмати хушсифат ва кумак ба аҳолӣ созмон дода шуд. Хонаҳои «Мурувват», инчунин бисёр дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, аз қабили пансионатҳо ва марказҳои тавонмандӣ ба низоми ин агентӣ дода шуданд.

Соли гузашта барои фаъолияти ин муассисаҳо аз буҷаи давлат 624 миллиард сўм ҷудо карда шуд. Ғайр аз ин, барои бо дору ва маснуоти тиббӣ таъмин намудани онҳо назар ба пештара ду баробар зиёд маблағ ҷудо карда шудааст.

Қаблан хонаҳои «Мурувват» байни ҳамдигар ҳамкорӣ намекарданд. Онҳо имрӯзҳо таҷриба иваз карда, усулҳои пурсамар ва таҷрибаи таълимро ҷорӣ мекунанд.

Ба шарофати дастгирии давлат хонаи «Мурувват» дар Тошканд низ дигаргун шуд. Биноҳои иловагӣ сохта, корпусҳои куҳна пурра таъмир карда шуданд. Толори варзиш, шуъбаи нигоҳубин ва терапияи ҷисмонӣ, ҳуҷраҳои тиббию таълимӣ, толори фаъолон, китобхона, хобгоҳ ва ошхона пурра таъмир карда шуданд. Ҳар як шуъба ва ҳуҷраҳои махсус мутобиқи талаботи замон муҷаҳҳаз гардонда шуданд. Кўдакони дорои мушкилоти ҳаракат бо аробачаҳои махсус таъмин карда шудаанд.

Дар муассиса ба кўдакони аз 4 то 18-солае, ки гирифтори ихтилоли вазнини равонӣ ҳастанд, хидматрасонии тиббию иҷтимоӣ расонда мешавад. Имрўз дар ин ҷо 299 кўдак таҳти васоят қарор дорад. Ба онҳо 334 нафар коргарон, аз ҷумла муаллимони соҳибихтисос, дефектолог ва духтурон ёрӣ мерасонанд.

Шавкат Мирзиёев машғулоти бачаҳоро аз назар гузаронда, бо онҳо самимона суҳбат ороcт. Вай таъкид кард, ки барои боз ҳам беҳтар кардани шароит, фароҳам овардани қулайиҳои зиёд дар хона, инчунин кумак ба кўдакони имконияташон маҳдуд тамоми кушишҳо ба харҷ дода мешавад.

Президент ба кормандони хидмати иҷтимоӣ изҳори сипос намуда, ба меҳру мурувввати онҳо ба кўдакон баҳои баланд дод.

– Барои он ба шумо ташаккури зиёд, ки ба бачаҳо хуб нигоҳубин мекунед. Ин кори хеле мураккаб ва айни замон зарур ва наҷиб аст, – гуфт сарвари давлат.

Оид ба офиятбахшии кўдакон ва мутобиқсозии иҷтимоии онҳо, ёрии равонӣ ба волидон табодули афкор сурат гирифт. Солҳои охир дар ин самт имкониятҳо ва низоми кор ба вуҷуд омаданд. Ҳоло шароитро дар дигар муассисаҳои иҷтимоӣ низ бояд беҳтар кард.

Минбаъд хонаҳои «Мурувват» бо таҷҳизоти замонавии офиятбахш муҷаҳҳаз гардида, тибқи консепсияи нав кор мекунанд. Мувофиқи он кўдакон дар асоси барномаҳои рушди инфиродӣ ба ҷомеа ворид карда мешаванд. Дар ҳамаи хонаҳои «Мурувват» утоқи мулоқот ташкил карда мешавад.

Инчунин «Клубҳои дастгирӣ» таъсис дода мешаванд, ки дар онҳо мутахассисони соҳибихтисос ба васиҳо оид ба нигоҳубини кўдакони имконияташон маҳдуд, тарбияи онҳо дар муҳити оилавӣ ва ба ҷомеа мутобиқ намудани онҳо маълумот медиҳанд. Барои бачагони гирифтори касалии вазнин, ки таълими махсус тавсия дода нашудааст, «Гурўҳи ғамхорӣ» ташкил карда мешавад. Дар тамоми марказҳои минтақавии тавонбахшӣ чунин хидматҳо барои бачаҳои имконияташон маҳдуд ташкил карда хоҳанд шуд.

Дегхона ва шабакаи муҳандисии муассиса низ пурра нав карда шуданд. Дар ҳудуди он дарахтони ороишию мевадиҳанда шинонда, чароғҳои кўчаҳо насб карда, пайроҳаҳо асфалтпўш карда шуданд.

Дар моҳи шарифи Рамазон аз ҳоли беморон хабар гирифтан ва ба мардум бештар меҳрубонӣ зоҳир кардан арзиши наҷиби мардуми мост.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ҚАҲРАМОНИ ЎЗБЕКИСТОН ЗАЙНИДДИН НИЗОМХЎҶАЕВ БО УНВОНИ ФАХРӢ САРФАРОЗ ГАРДОНДА ШУД

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев барои меҳнати бисёрсолаи пурсамараш дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва низоми нигаҳдории тандурустии кишварамон, хидматҳои бузургаш дар такмил додани низоми миллии интихоботӣ мувофиқи андозаҳои байналмилалии умумэътирофшуда, бомуваффақият амалӣ намудани ислоҳоти демократӣ, татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҳиссаи муносибаш дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, тарбияи насли наврас дар рўҳияи муҳаббату садоқат ба Ватан, инчунин ба муносибати 70-солагӣ Қаҳрамони Ўзбекистон, раиси Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон Зайниддин Низомхўҷаев бо унвони фахрии «Мураббии шоистаи ҷавонони Ҷумҳурии Ўзбекистон» сарфароз гардонда шуд.

Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ба Зайниддин Низомхўҷаев нишони сарисинагии дахлдорро супурд.

Доктори илмҳои тиб, профессор З.Низомхўҷаев солҳои зиёд дар як қатор вазифаҳои масъулиятнок фидокорона кор кардааст. Дар соли 2014 бо унвони «Қаҳрамони Ўзбекистон» сарфароз гардонда шудааст.

**ЎзА.**

***Ҷалб кардани сармоядорони хориҷӣ бешак ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Дар вилояти Сурхондарё, ки барои Ўзбекистон яке аз дарвозаҳои асосӣ барои кишварҳои Шарқ маҳсуб меёбад, сафи сармоягузорони мамолики хориҷӣ рўз аз рўз зиёд мегардад. Вохўрие, ки дар санаи 18 март дар ҳокимияти вилояти Сурхондарё бо намояндагони кишварҳои Покистон ва Хитой баргузор гардид, далели он аст.***

# НАМОЯНДАГОНИ ПОКИСТОН ВА ХИТОЙ ДАР СУРХОНДАРЁ

Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов намояндагони кишвари Покистонро, ки бо роҳбарии Муҳсин Малик Аслан ташриф фармуда буданд, қабул намуд. Дар рафти суҳбат оид ба имтиёз, имконият ва шароите, ки дар Сурхондарё ба соҳибкорон ва сармоядорони хориҷӣ фароҳам оварда шудааст, сухан рафт. Инчунин, перомуни лоиҳаҳои соҳаи логистика, сохтмон, нақлиёт, насби панелҳои баркистеҳсолкунии офтобӣ, ки дар Сурхондарё амалӣ мегардад, музокира баргузор гардид. Дар айни замон амалисозии лоиҳаи роҳи оҳане, ки тавассути Афғонистон мегузарад, масъалаи умдатарини рўз маҳсуб меёбад. Дар ин хусус низ фикрҳои ҳарду ҷониб шунида шуд.

Баъди вохўрӣ намояндагони Покистон ба фаъолияти «Маркази байналмилалии савдои Тирмиз», ки дар сарҳади кишвари Афғонистон ҷойгир аст, аз наздик шинос шуданд.

Роҳбари вилоят вохўрии навбатиро бо роҳбари Ассотсиатсияи тоҷирони Ўзбекистон – Хитой Бахтиёр Муҳаммадиев ва намояндагони Хитой – роҳбарияти Ширкати «Kezhou Congling Industrial Co Ltd», ки бо саноати истеҳсоли маъданҳои кўҳӣ шуғл меварзад, анҷом дод. Дар ин вохўрӣ низ бо ширкати мазкур оид ба фаъолияти саноати истеҳсоли маъданҳои кўҳӣ, ки дар Сурхондарё хеле рушд кардааст, сухан рафт.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Ба пешвози 120-солагии шоир ва тарҷумон Муҳиддин Аминзода*

# АЗ СУЛОЛАИ ШОИРОН ЯКЕ БУД

*Ҳар кӣ баҳри сулҳ имзо*
*мекунад,*
*Беҳтарин коре ба дунё*
*мекунад.*
*Карда имзо душманони*
*сулҳро,*
*Рӯсияҳ, шарманда, расво*
*мекунад.*
**Муҳиддин АМИНЗОДА.**



Муҳиддин – фарзанди Муҳаммадамини мударрис аз шаҳри Хуҷанди бостиниву бӯстонӣ буд. Дар мактаби куҳнаю таълимгоҳи нави давр ӯ савод омӯхт. Дар пайравӣ ба падари муддарису маорифдӯсташ дар курсҳои омӯзгории Самарқанд таҳсил карда, касби муаллимиро аз худ намуд. Дар мактаб ба насли наврас таълим дод. Азбаски истеъдоди серпаҳлу дошт, бо касбаш маҳдуд нашуд. Дилбастагӣ ба санъат ӯро ба даргоҳи Донишкадаи мусиқии хореографии Самарқанд овард. Солҳои 1928-1929 дар ин ҷо бо камоли майл мусиқиро аз бар кард. Аз ин фан дар омӯзишгоҳи мусиқии Хуҷанд ба ҳавасмандон сабақ дод. Дар Театри мусиқии Хуҷанду Театри опера ва балети Душанбе кор карда, ба рушди ҳунари саҳнаи тоҷик саҳми босазо гузошт.

Охири умрашро низ дар зодгоҳаш бо кору эҷод гузаронд.

Муҳиддин Аминзода аз оғози фаъолият бо каломи бадеъ сару кор дошт ва ҳаҷвияҳояш дар матбуоти даврии Тоҷикистон, бештар дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ва рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» нашр шудаанд. Маҷмӯаҳои аввалини ашъораш «Шеърҳо», «Чаман» ва «Баҳори Ватан» ном доштанд. Дертар доир ба таърихи гузаштаю онрӯзаи диёраш бо ҳамроҳии Раҳим Ҷалил достони «Ленинобод»-ро навишт.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон қаламашро тезтар карда, шеърҳои ватандӯстии «Шамшери бурро», «Тешабой», «Ба модарам — ба Ватанам», «Моҷарои валенкӣ», «Зимистон», «Асп ва генерал»-ро ба муносибати ақибнишинию фирори фашизм эҷод кард. Як маҷмӯаи шеърҳояшро «Садои зафар» номид.

Баъд аз ҷанг М. Аминзода танҳо «Шеърҳои мунтахаб»-ашро 5 бор ва маҷмӯаҳои дигараш «Аз ҳарҷо як шингил»-у «Баҳори дил»-ро ба дасти нашр расонд. «Мунтахабот»-и дуҷилдаи ӯ дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX дастраси хонандагон гардид. Шеърҳояш гуногунмавзӯъ буда, ба васфи гӯшаҳои зебои Ватан, акси воқеаю санаҳои таърихӣ, дӯстию бародарии халқҳо бахшида шудаанд.

Шоир яке аз асосгузорони шеъри ҳаҷвӣ дар адабиёти нави мо ва ташкилкунандагони гӯшаи ҳаҷвии «Анбур»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд») буд.

Овони ҷавонӣ дар драматургия қувва санҷида, то охири солҳои 30-юми асри сипаришуда яке аз аввалин песаҳои тоҷикӣ «Наврӯз ва Гулчеҳра»-ро таълиф намуд, ки намоиши онро тамошобин хуш қабул кард. Пас песаи «Шараф»-ро эҷод кард, ки он низ дар саҳнаи театри Хуҷанд намоиш дода шуд. Аминзода мутарҷими сермаҳсулу фаъол ҳам буд. Аз адабиёти халқҳои бародарӣ чанд қиссаву ҳикоя, 130 ҳазор мисраъ шеър, достони «Фарҳод ва Ширин»-и Алишери Навоӣ (бо ҳамқаламии Раҳим Ҷалил), ашъори Ҳамза, Ғафур Ғулом, Собир Абдулло ва Ашурмат Назаровро ба тоҷикӣ баргардондааст. Ҳаҷми тарҷумаҳои назмии шоирро писараш – шоир ва тарҷумон Муҳсин Аминзода якуним баробари «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва корманди осорхонаи адиб Муаттар Ғаниева бошад, зиёда аз 75 ҳазор байт қаламдод кардаанд.

Барои он ӯро аз сулолаи шоирон гуфтем, ки падар, додар, хоҳар ва фарзандони адиб низ бо каломи бадеъ сарукор доштанду доранд.

Хидматҳои Муҳиддин Аминзода дар соҳаи санъат қадр карда шуданд. Ба ӯ унвони Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон дода шуд.

Устоди пурмаҳсул дар синни 63-солагӣ, аввали моҳи сентябри соли 1966 дар шаҳри Хуҷанд аз дунё даргузашт.

Имрӯз мактаби ҳунаромӯзии бачагони шаҳри Душанбе ба номи Муҳиддин Аминзода аст. Дар шаҳри Хуҷанд осорхонаи ӯ фаъолият дорад.

Аз устод Муҳиддин Аминзода имрӯзҳо ёдовар шудан мувофиқи мақсад аст. Зеро ӯ шеърҳои нахустини худро дар нимаи дуюми солҳои 30-юми қарни гузашта дар рӯзномаи «Овози тоҷик», ки 100-солагии онро имсол ҷашн мегирем, нашр кунондааст.

**Ш. МИРЗОЕВ.**



*Иди умумихалқии Наврӯз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Қашқадарё васеъ ҷашн гирифта мешавад. Аз ҷумла, дирӯз чунин чорабинӣ дар маҳаллаи Ҳоҷӣ Касбии ноҳияи Касбӣ баргузор гардид.*

*Рақсҳои миллие, ки духтарчаҳои хушрӯяки тоқипӯш иҷро карданд, ба ид фараҳ бахшид. Писаракон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, арғамчинкашӣ намуданд. Чунин бозиҳои халқӣ ба муҳити идона хеле мусоидат менамуданд.*

*Аҳолӣ аз ин сайри идона хушҳол буданд.*

*Духтару арӯсони либоси миллӣ ба бар, хурдтаракони бодпарак дар даст, танинандозии мусиқаву сурудҳои ҳунарпешагон ба тадбир шукӯҳи тоза бахшиданд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз ҷашнгирии иди Наврӯз дар маҳаллаи Ҳоҷӣ Касбии ноҳияи Касбӣ.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

# ҶОНФИДОИ КАСБИ ХУД

***Хидмат кардан ба Ватан саодат аст. Зеро Ватан макони муқаддасест, ки дар он хуни нофи аҷдоди мо рехтааст. Аз ин рӯ, онро умре азизу мукаррам мешуморем ва ҳар зарра хокашро чун тутиё ба чашмонамон мемолем.***

Дар ҳадиси шариф: «Ватанро дӯст доштан аз имон аст» гуфта мешавад. Яъне, ҳар касе, ки имону дили пок дорад, албатта, Ватанашро дӯст медорад, онро аз бадхоҳон ҳимоя менамояд. Барои осоиштагиву оромии он мубориза мебарад, зарур ояд, дар ин роҳ ҷонашро нисор месозад. Зеро дар ҷое, ки оромиву осоиштагӣ хукмфармост, зиндагӣ бо мароми худ ҷорист, фаровонист.

Сарвари давлат ҳанӯз 7 феврали соли 2017 дар Фармони худ «Дар бораи Стратегияи амалиёт оид ба рушди минбаъдаи Ўзбекистон» сулҳу оромӣ, тараққиёти давлату ҷомеа, бозсозии соҳаҳоро ба таври алоҳида арзёбӣ намуда буд. Дар ин ҷода хидмати ходимони корҳои дохилӣ низ шоистаи эътироф аст.

Дар соҳа ходимони фидоӣ зиёданд. Онҳо ба халқу Ватан садоқатмандона хидмат намуданро мароми зиндагии хеш медонанд. Ҷонишини сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Фориш оид ба корҳои маънавиву маърифатӣ Музаффар Шодмонов аз ҷумлаи чунин ходимон аст. Ӯ касби худро хеле дӯст медорад. Дар давоми фаъолияти кории хеш ҳафт маротиба рағбатнок карда шудааст. Барои ҷаҳони маънавиву фарҳангии ходимонро ғанӣ ва дараҷаи маърифатнокии онҳоро вусъат додан бо саъю ҳаракати М. Шодмонов миёни кормандони милитсия чандин маротиба маҳфилҳои китобхонӣ созмон дода шуданд. Бо ин мақсад дар идораи шуъба бо ҳамкории Маркази ахбору китобхонаи ноҳия китобхона ташкил карда шуд. Мо бо Музаффар Шодмонов барин фидоиёни касби хеш ва тарғибгари хастанопазири маънавиёту маърифат ифтихор мекунем.

**Маҳбуба АЯСОВА,**
**ходими Маркази ахбору китобхонаи ноҳияи Фориш.**

# ҶАВОНОН БА ХИДМАТИ ҲАРБӢ ГУСЕЛОНИДА ШУДАНД

***Бо қарори дахлдори Президент дар ҷумҳурӣ моҳҳои март-апрели соли равон шаҳрвандон ба хидмати ҳатмии ҳарбӣ даъват карда мешаванд.***

Дар вилояти Самарқанд низ гурӯҳи аввалини даъватшудагоне, ки аз санҷишҳои муайян бомуваффақият гузаштаанд, ба хидмати ҳарбӣ фиристода шуданд. Дар пункти ҷамъшавии Садорати корҳои мудофиаи вилоят барои садҳо нафар ҷавонҳои далери ба хидмати ҳарбӣ сафарбаршуда тадбири бошукӯҳ ташкил гардид.

Дар он ҷонишини якуми фармондеҳи Округи ҳарбии марказӣ Қ. Очилов, роҳбари Садорати корҳои мудофиаи вилоят Б. Қувватов, вакилони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хидматчиёни ҳарбӣ ва падару модарон иштирок намуданд. Нотиқон оиди масъулият ва шарафи хидмати ҳарбӣ ҳарф зада, ба камарбастагони хидмат иродаи мустаҳкам, матонат, қувват ва ғайрат таманно карданд.

Ба даъватшудагон туҳфаҳои хотиравии ҳокими вилоят супурда шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# МАЛИКА – ЧЕМПИОНИ ЎЗБЕКИСТОН

Ба қарибӣ дар пойтахти кишварамон байни духтарони то синни даҳсола мусобиқаҳои ҷумҳуриявии шоҳмот ба амал омад. Бинобар ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии қувваозмоиҳо ҷойи аввал ба узви командаи яккачини шоҳмоти вилояти Бухоро, толибаи синфи 3 «Б»- и мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 30-юми шаҳри Бухоро Малика Норқулова насиб кард.Унвони баланди чемпионии мамлакат муборак бод, Малика!

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***Хадичахолаи 80-солаи маҳаллаи моро пиру ҷавон хуб мешиносанд. Фазилатҳои ин бонуи пурдида, ки ба ҳама чиз таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, ба баъзеҳо маъқуланду баъзе ҷавонон ӯро барои чунин рафтораш «Анзурат»-и филми «Суюнчӣ» меноманд. Дарҳақиқат, воқеаву рӯйдоде нест, ки ӯ дахолат накарда бошад. Дар рӯзи зимистон бачаеро бинад, ки дар тан либоси ғафсу дар сар кулоҳ надорад, ба волидони ӯ занг зада огоҳ месозад.***

# ТАРБИЯ Ё ҲАЁТ Ё МАМОТ...

Боре ба дукон даромадам, Хадичахола дукондорро сарзаниш мекард, ки чаро болои нону дигар хӯроквориро кушод мемонад, ки ба он чангу ғубор нишаста, боиси касалиҳо мегардад...

Табиист, ки чунин рафтори Хадичахоларо дукондору мактабхонон хуш намебинанд, аммо ҳамаи суханони ӯ ба фоидаи волидону харидорон аст.

Ҳоло яке аз мавзӯъҳое, ки дар шабакаҳои интернет боиси баҳсу мунозараҳои мардум мегардад, муносибати байни мураббиёну хонандагони мактаб мебошад. Таассуфовар аст, дар байни мактабхонон хонандагони якраву гарданшахе ҳастанд, ки муаллими худро таъна карда, ҳатто ба онҳо даст мебардоранд. Муносибат нисбати чунин воқеаҳо ҳамеша ду навъ аст, ё муаллим сафед карда мешавад ва ё «бачаи ҷабрдида».

Албатта, мисле биринҷ бекурмак намешавад, устодоне низ ҳастанд, ки ба хонандагон аз рӯйи мавқеи иҷтимоии волидони онҳо муносибат мекунанд. Ва устод ҳақ надорад ба бача шикасти ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонад...

Солҳои пеш вақти барои таълиму тарбия ба дасти мактабдор супурдани фарзандонашон волидон мегуфтанд, ки «гӯшташ аз они шумову устухонаш аз они мо». Волидоне, ки мехостанд фарзандашон бамаърифату шахси комил шавад, бо боварӣ ояндаи ӯро ба устод месупориданд. Ва муаллимон шогирдеро, ки рафтори номатлуб дошт ва ё ба ҷараёни дарс халал мерасонд, лоиқи ҷазо медонистанд.

Номуросоии байни мураббию шогирд пеш аз ин низ вуҷуд дошт. Пас аз ба муомила даромадани телефони дастӣ ва насб гардидани видеокамера дар синфхонаҳо, чунин муносибатҳо бештар ба назар расиданд. Аммо бояд эътироф намуд, ки муаллим ба хонандааш бадиро раво намебинад. Агар шогирдонаш соҳибмаърифат шаванд ӯ мефахраду меболад, агар роҳгум занад, мисли волидон дар таассуф мешавад.

Агар бо диққат мушоҳида намоем, муаллим ба хонандае ҷазо медиҳад, ки якравӣ карда нафақат ба муаллим, балки ба ҳамсабақоне, ки мехоҳанд аз дарс пурсамар истифода баранд, халал мерасонад. Азбаски чунин ҳолат борҳо такрор мешавад, косаи сабри муаллим рӯзе лабрез мегардад...

Агар овони бачагии худамонро ба ёд орем, падару модар, бибию бобо ва муаллимон низ моро ҷазо медоданд. Ҳоло чунин воқеаҳоро бо тарозуи адл баркашем, ҳамаи он барои бурду бохти мо будааст. Чунин танбеҳи калонсолон буд, ки аксари насли миёнсоли имрӯза дар вазъиятҳои тезу тунд худдорӣ карда метавонанд.

Равоншиносон истилоҳи «мунокишаи наслҳо»-ро бештар истифода мебаранд, ки маънои ҳолоинаи он задухӯрди байни бачагони «замонавӣ»-и имрӯзаву насли калонсоли ҷамъият, ки таҳти назорати устодону волидони сахтгир ба воя расидаанд, мебошад. «Мунокишаи наслҳо» нафақат дар байни устодону хонандагон, балки волидону фарзандони онҳо низ ба чашм мерасад.

Азбаски таълим ва тарбия ҷараёни ногусаста аст, волидону мураббиён бояд масъулияти чунин ҷараёни мураккабро ба дӯши якдигар нагузошта, ҳамфикру ҳаммаслак бошанд. Тавре ки «аз хурд хато аз калон бахшиш» гуфтаанд, дар баъзеи ҳолатҳо «нодида гирифтани» камбудии бача низ ба манфиати кор аст.

Устодон дар вақти танаффус, волидон дар соатҳои муайян барои аз телефони дастӣ истифода бурдани бачаҳо рухсат диҳанд, дар акси ҳол умри бача зоеъ рафта, лавҳаҳои ногувори саҳфаҳои интернет сабаби бадахлоқии ӯ гардида, хабарҳои зиёди дурӯғу росту бетартиб, ба диққатҷалбкунии ӯ таъсири манфӣ мерасонад.

Ба кор ҷалб гардидани бачагон низ ба ҷараёни тарбияи онҳо самараи хуб мебахшад, ки дар натиҷаи ин ҳаракати ҷисмонии фарзанд таъмин гардида, ӯ ба қадри меҳнати падару модар мерасад.

Ба бачагон омӯхтани муомила бо пул низ яке аз самтҳои муҳими тарбия мебошад.

Равоншиносон дар он ақидаанд, ки нафақат хурдсолон, балки ҷавонон низ бештар тақлидкунандаи рафтору кирдори атрофиён мебошанд, аз ин рӯ бояд аз дӯсту рафиқи онҳо, вақтҳои холӣ бо чӣ машғул шуданашон ҳамеша хабардор бошанд.

Хонандаи нуктасанҷ аллакай пай бурд, ки дар аввали мақола барои чӣ аз Хадичахолаи ҳамсоям ёдовар шудем. Азбаски ояндаи ин сарзамини азиз ба бачагону наврасон вобаста аст, ҳамаи мо ба рафтору кирдори бачагон эътибор диҳем.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# «ОВОЗИ ТОҶИК»: 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

## ЁДИ ЁДҲО

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### СУХАНЕ ЧАНД БА ЁДИ МАСЕҲОИ ТАМҲИД, КИ ХОДИМИ «ОВОЗИ ТОҶИК» БУД

*Ба нахли ишқ пайванде маро бас,*
*Дили бо ваъда хурсанде маро бас.*
*Аз он чашми сияҳ, лабҳои ширин*
*Нигоҳею шакарханде маро бас.*

Ҳар кас ин дубайтӣ хонд, шоири боистеъдоде, шахси шикастанафсе, пурқаноатеро пеши назар хоҳад овард, ки дили ӯ ҳатто бо ваъдае, як нигоҳе хурсанд мешавад. Нигоҳи чашмони сиёҳи ёр, шакарханди лабҳои ширинаш ӯро қаноат мебахшад. Ва ин шоири хушзавқ Қорӣ Масеҳои Тамҳид (Солеҳов Масеҳо – 1891-1976) мебошад, ки баъди таъсиси «Овози тоҷик» дар идораи рӯзнома кору вазифа дошт. Дар саҳифаҳои он қатор-қатор шеъру мақолаҳои ӯ ба табъ мерасиданд. Аммо дере нагузашта ин ном аз чашми рӯзномахонҳо нопадид монд. Сабаб ин аст, ки душманони халқ ба ӯ низ тамғаи «душмани халқ»-ро часпонда буданд.

### ЁДЕ АЗ ҲАМЗАМОНҲОИ ТАМҲИД

Дар доираи мавзӯъ месазад ба доираи адабии даҳсолаи аввал ва сонии асри гузаштаи Самарқанд, ки Тамҳид дар он ба камол расида буд, назаре афканем, ки Сипандӣ, Туғрал, Ҳодии Самарқандӣ, Яъқуби Ошиқӣ, Мирзо Акрами Фикрӣ, Саидаҳмади Васлӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Беҳбудӣ, Вофӣ, Орифи Гулханӣ, Ализода ва албатта Устод Айнӣ пеши назарҳо падид меоянд, чандин тан адибони аз дасти фалаки каҷрафтор ҷилои ватанкарда ва дур аз ёру диёр шуҳратёфта ва баръакс – бенишонгашта ба ёдҳо меоянд. Чунон ки Хубии Самарқандӣ (1895-1976) дар соли 1928 ба Афғонистон ҳиҷрат карда, аз он ҷо ба мамлакатҳои араб, Туркия кӯч баста ва дар ғурбат (дар шаҳри Тоиф) хокҷо ёфт. Ва агар аз ҳамватанони муҳоҷиргаштаи худ (Баҳодурхони Самарқандӣ) ва ҳамдиёрони номдораш (дар шахси Ҳоҷиазиз Юнусзода) имдод намедид, бешак, вай ҳам бенишон мерафт. Хушбахтона «Авроқи носӯхта»-и Хубӣ («Суғдиён». Самарқанд. 1997) ба табъ расид. Ҳамчунин Вофии Самарқандӣ (Облоқул Тӯрақулзодаи Самарқандӣ. – 1898-1971), ки соли 1929 аз зайли замона тарки диёр карду дар Афғонистон шуҳрате ёфт. (Ниг. ба китоби Вофии Самарқандӣ. Армуғон. «Суғдиён» – 1998).

Саидаҳмади Васлӣ ин байтро ба шогирдаш Хубӣ бахшидааст:

*Болои сараш зи ҳушмандӣ,*
*Метофт ситораи баланде.*

Вале, ҳайҳот «ситораи баланд»-и болои сари Хубӣ аз зулму ҷабри замона нопадид монд. Ва ин гуна адибони «гумном»-и моро ҳисоб нест. Дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» (дар солҳои 1924-1940) чӣ ситораҳои нав ба дурахшидан сар кардаанду ба зудӣ аз чашмҳо ғоиб шудаанд. Ҳамчунин аз доираи адабии Самарқанд, ки аз ин пештар зикр ёфт ва аз Бухорову Хуҷанду Конибодому Ӯротеппа ва Фарғона...

Бисёр ходимони боистеъдоди «Овози тоҷик» табъиду бадарға шудаанд. Онҳое, ки зинда аз зиндон баромадаанд, минбаъд мӯҳри хомӯшӣ ба даҳони худ зада, аз матбуот канораҷӯӣ кардаанд. Ҳаёти Тамҳид ба ин мисоли равшан аст. Ӯ баъд аз вафоти Сталин дар соли 1956 ба зодгоҳаш баргашт ва то охири умр (1976) кам даст ба қалам зад.

### ЁДЕ АЗ ХАТТОТ (РАССОМ)-И «ОВОЗИ ТОҶИК» – ФАХРИДДИНИ РОҶӢ

Шоир Фахриддини Роҷӣ, аз қаламкашони хуштабъи «Овози тоҷик», хаттоти чирадасте буд. Мегӯянд, ки тамоми шумораҳои «Шуълаи инқилоб» бо дасти ӯ қаламӣ мешуду аз рӯйи он ба табъ мерасид. Бо сабабҳои маълум номи ӯ ҳам муддатҳо ба забон гирифта намешуд. Маҳз ба шарофати Истиқлоли кишвар акнун ҳама медонем, ки вай чӣ касе буд ва чӣ кардааст барои хидмат ба Ватан ва халқи худ. Агар гӯем, ки ӯ 3500 байт ашъори падараш Мирзо Ҳодиро ба шакли девон мураттаб сохт ва чоп (1912) кард, худ низ осори зиёде ба мерос гузошт, шарҳи ҳоли ин ходими «Овози тоҷик» андаке равшанӣ хоҳад ёфт.

Навиштаҳои адибони боистеъдоди он солҳоро аз «Овози тоҷик» мутолиа карда, ба хулосае меоем, ки он вақт адибон пеши сиёсат оҷиз будаанд:

*Ҳар чиз бар сар омад аз даври*
*чарх Тамҳид,*
*Аз рӯйи бандагӣ ман кардам*
*ба Ҳақ ҳавола.*

Хушо замоне фаро расидааст, ки имрӯз арҷи онҳо барҷост.

### РАДИОИ – ТОҶИК ҲАМКОРИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

Ҳар гоҳ сухан аз газета равад, беихтиёр дар ин радиф ҳатман радио пеши назар меояд. Дар амал ҳам радиои тоҷикӣ асосан бо идораи «Овози тоҷик» ҳамкорӣ доштанд. Баъзе ходимон аз идораи радио ба кори газета (ё баръакс) гузаштаанд. Чуноне ки ходимони масъули идораи радиошунавонии Ўзбекистон Ҳисомиддин Абдувалиев ва Шоқаҳҳор Салимов пештар дар «Ҳақиқати Ўзбекистон», Норқул Шукуров аввал дар радиои тоҷикӣ, баъд ба идораи рӯзнома, шодравон Хӯҷамурод Қӯлдошев аввал дар рӯзнома кор карда, баъд дар идораи радиои тоҷикӣ муҳаррирӣ кардаанд. Шоир Салим Кенҷа дар солҳои шастум дар шуъбаи тоҷикии радиои ҷумҳурӣ кор мекард, аммо як пояш дар идораи рӯзнома буд. Муҳаррирони дигар, аз қабили Б. Қаландаров, С. Мақсудов бо «Овози тоҷик» алоқаи доимӣ доштанд. Беҳтарин асарҳои худро дар рӯзнома нашр менамуданд. Мудири шуъбаи интернети телевизиони Ўзбекистон Аббос Отахонов ҳам баъди хатми Донишгоҳи Самарқанд корро аввал аз «Ҳақиқати Ўзбекистон» сар кард. Яке аз чеҳраҳои дурахшони адабӣ – Ҷонибек Қувноқ солҳои зиёд дар идораи «Овози тоҷик» кор кардааст. Муҳаррири шуъбаи тоҷикии радио Муҳаммадҷон Шодиев чанд сол ин ҷониб аз домани ҳар ду ин идора бо ду даст маҳкам дошта, билохир ба «Овози тоҷик» омада бобарор эҷод кард. Мирасрори Фарғонӣ, мухбири радиои аз ҳама ҷо бохабар, бо ҳама ҳамкор аст. Мухбири бахши тоҷикии радиои хориҷӣ дар Тошканд Матлуба Шоалиева низ дар идораи «Овози тоҷик» муддатҳо бо мо кор кардааст. Муҳаррири барномаи «Рангинкамон»-и телевизиони Ўзбекистон Шарофат Эрматова низ корманди «Овози тоҷик» буд.

Агар ба таърихи солҳои баъди ҷанг – панҷоҳум назар афканем, мебинем, ки радиои тоҷикӣ, ростӣ ҳам соҳиби овоз ва мақоми худ будааст.

Яке аз ходимони собиқи он Мидҳад Беҳбудӣ он солҳоро ба ёд оварда, гуфта буд: Соли 1947 ба Тошканд омада, ба Кумитаи радиошунавонии Ўзбекистон ба вазифаи муҳаррири калони шуъбаи тоҷикӣ ба кор даромадам. Сармуҳаррири шуъба муаллими пешинаи ман Ҳабиб Аҳрорӣ буд. Ӯ баъди адои хидмати ҳарбӣ ин вазифаро ба зимма гирифтааст. То Аҳрорӣ дар ин вазифа Кибриё Қаҳҳороваи самарқандӣ (ҳамсари адиб Абдулло Қаҳҳор) кор мекард. Ӯ як фарди забондону адабиётдӯст, хушхату хушсухане буд.

### МИДҲАД БЕҲБУДӢ: ДАР ИХТИЁРИ РАДИОИ ТОҶИКӢ ДАСТАИ МУСИҚӢ БУД

Фотимахон Бурҳонова (ҳамсари Абдурауфи Фитрат) ва Камолиддин Афзалӣ наттоқи радио буданд. Аз рӯйи нақли М. Беҳбудӣ, шуъбаи тоҷикии радио дар ихтиёр дастаи мусиқии асбобҳои халқӣ дошт. Давид Муллоқандов, Исҳоқ Каттаев, Маъруфхоҷа Баҳодуров (як муддат) аъзои ин оркестр буданд.

Он солҳо садои радиои тоҷикии Ўзбекистон қавӣ, аз тариқи програмаи якум танинандоз мешуд. Дар барномаҳои он ба ҷуз ахбор, асарҳои академӣ-драмавӣ низ ҷой мегирифт ва иҷрокунандаи ролҳои қаҳрамонон аз ҷумлаи ҳунарпешагони театрҳои машҳур, аз қабили театри ба номи Ҳамза будааст. Яке аз устодони «Шашмақом», Артисти халқии Тоҷикистон Барно Исҳоқова низ таҷрибаҳои аввалини ҳунари сароядагиро дар радиои Ўзбекистон азбар намудааст.

Ҳаёти аҳли ҳунар ва адаби тоҷикӣ дар он солҳо гарчанд аз дигарон кам фарқ дошта бошад ҳам, аз ин ки аксарияти онҳо аз Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Душанбе ва дигар шаҳрҳо омада, бештарашон иҷоранишин бошанд ҳам, байнашон рафтуомад, алоқаҳои эҷодӣ мустаҳкам будааст. Ташрифи устод Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода барин шахсиятҳои муътабар ба Тошканд, бе дидорбинии адабиётдӯстон намегузашт. Онҳо ҳатман ба идораи рӯзномаи дӯстдоштаи худ «Ўзбекистони сурх» ва радиои тоҷикӣ ташриф меоварданд, дар хонаи дӯстони ҳамзабон ва ҳамқаламон эҷодкори худ меҳмон мешуданд. Мухтор Ашрафӣ, Мутаваккил Бурҳонов (муаллифи садҳо оҳанг ва гимни Ўзбекистон) аз дӯстони наздики Лоҳутӣ буданд. Ва шавҳари Фотимахон Бурҳонова Абдусалом Рашидии хушқзавқ, ки онҳо духтараки дӯстрӯ ва зираку доное бо номи Дилбар ба дунё оварда, хушбахт низ будаанд, ба сахтии рӯзгор нигоҳ накарда, риштаҳои дӯстиро бо хешу ақориб ва дӯстони дерин – Пайрав Сулаймонӣ, Раҳим Ҳошим, Нодир Шанбезода, (гарчи бо Фитрат дӯсти наздик буданд), алоқаҳои пешинаро намеканд, баръакс мустаҳкам медошт.

Ҳамон «духтараки зираку доно» соли 1935 дар Самарқанд ба дунё омада, Донишгоҳи давлатии Маскав, Институти шарқшиносиро хонда, аз соли 1958 то вафоташ дар Тошканд зиндагӣ мекард, дар мавзӯи «Дарвешалии Чангӣ ва рисолаи мусиқии ӯ» рисолаи докторӣ менависад.

Дилбар Рашидӣ ҳамсари нависандаи муосири ўзбек Учқун Назаров буд.

Ӯро ман дар идораи «Ҳақиқати Ўзбекистон», дар тадбирҳои Маркази миллии тоҷикони Тошканд «Ориёно» бисёр медидам. Аз меҳре, ки вай ба забони модариаш, рӯзномаи «Овози тоҷик» дошт, меболидам.

Ӯ мегуфт: «Аз хонаводаи мо чаҳор нафар қурбони ҷаҳолат шуданд. Онҳо се амаки модарам – Мукаммал, Маскар ва Муаммар Бурҳоновҳо, тағоиям – бародари калони модарам – Мисбоҳиддин Бурҳонов, ҳамчунин шавҳари аввалаи модарам – Фитрат».

**(Давом дорад).**

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти шоистаи Ўзбекистон.**

# ҶАҲОН АЗ ТУ НУРБОРОН БОД НАВРӮЗ




## БАҲОР ОМАД...

**(Таронаҳои халқӣ)**

*Баҳор омад, нигори нозанинам,*
*Биё, то як даме серат бубинам.*
*Биё, то як даме бо хотири шод,*
*Зи рӯйи лолазорат гул бичинам.*
***
*Баҳор омад, ало эй нури дида,*
*Шукуфа бар дарахтон сар кашида.*
*Чаро бо ман вафодорӣ надорӣ,*
*Зи ҳаҷрат ҷони ман бар лаб расида.*

## ДАР ШАҲРУ ДЕҲОТИ ВИЛОЯТ ШУКӮҲИ НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ ЭҲСОС МЕГАРДАД

***Чун ҳарсола мардуми меҳнаткашу заҳматписанди вилоят барои истиқболи гарми иди Баҳору Наврӯз корҳои омодагириро вусъат бахшидаанд. Инро метавон дар ҳар як шаҳру деҳи он эҳсос намуд. Корҳои омодагирӣ бар асоси қарори Президенти мамлакат «Дар бораи тайёрӣ ва баргузории ҷашни миллии Наврӯзи соли 2024» беш аз пеш доман фарох менамояд.***

Дарвоқеъ, имсол дар кишварамон Наврӯзи оламафрӯз таҳти унвони «Ҷаҳон ғарқи нур бодо, Наврӯз!» таҷлил карда мешавад. Онро мардум чун ҳамешаву ҳама сол бо хушу хурсандӣ истиқбол мегиранд ва иду тантанаҳои наврӯзӣ тамоми шаҳру вилоятҳои мамлакати паҳновари моро фаро хоҳад хонд.

Албатта, моҳияти аслии тамоми чорабиниҳое, ки то давраи фаро расидани фасли Баҳору иди Наврӯз анҷом дода мешаванд, маҳз аз истиқболи сарогӯзи киштукор, заминагузорӣ ба ҳосили пурбаракот, аз тариқи роҳандозии ҳашарҳои умумимардумӣ дар манотиқи гуногун ободу зебо намудани кӯчаву хиёбонҳо, тозаву озода кардани дару девори хонаву ҳавлиҳо ва иншооти дигар дарак хоҳанд дод.

Тибқи таомуле, ки дар байни мардуми мо роиҷ гаштааст, иди Наврӯзи хуҷастапайк дар шакли басо мутантан, хусусан, бо рақсу таронахонӣ, ба бар кардани либосҳои зебои идона, гурӯҳ-гурӯҳ дар боғу чаман сайру гашт намудан, даъваткунии меҳмонон ба хонаи худ, аёдати падару модар ва хешу ақрабо, одамони куҳансол, ташкили чорабиниҳои гуногуни миллӣ ва амсоли он таҷлил карда мешавад.

Дар минтақаҳои тоҷикнишини вилояти Фарғона ҳамчунин анъанаеро пай бурдан мумкин аст, ки дугонаҳои наварӯс ба хонаи ӯ гурӯҳ-гурӯҳ меҳмон мешаванд, аз нозу неъматҳое, ки барои онҳо муҳайё намудааст, нӯши ҷон карда, сонӣ ба рақсу сурудхонӣ мепардозанд. Ҳамон рӯз он ҳавливу хонаҳои наварӯсон чунин манзараи гувороро касб менамоянд.

Тавре ки дар қарори сарвари давлатамон омадааст, барои омодагирӣ ва баргузор намудани ҷашни Наврӯзи имсола Кумитаи хоси тадорукотӣ таъсис дода шудааст, ки ба он Сарвазири кишвар Абдулло Арипов роҳбарӣ мекунад.

– Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи мо низ иборат аз як ҳайати густарда гурӯҳи тадорукот ташкил карда шуд. Ба он афроде шомил гардиданд, ки аз шумори аъзои хонаводаҳои оромӯ осуда, намунавӣ, хоксору фурӯтан, инчунин дар корҳои маҳалла ҳамеша пешсафу фаъол интихоб карда шудаанд. Аллакай таҳти сарварии онҳо дар кӯчаҳои маҳаллаҳои ҷамоатамон корҳои зиёди ободонӣ ва сабзгардонӣ ба фарҷом расиданд, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Сариканда»-и ноҳияи Сӯх, соҳиби нишони «Дӯстлик» Баҳодур Сафоев.

Вай афзуд, ки дар ин рӯзҳои фараҳбахш аъзои ҳар як хонавода муваззаф шудаанд, ки дар лаби ҷӯйборҳо, шафати роҳҳои пиёдарав аз се то панҷ беҳӣ ниҳолҳои мевадиҳандаву намоишӣ шинонанд. Инчунин, онҳо танаи дарахтони назди ҳавлии худ ва иншооти атрофро сафед мекунанд, ҷӯйҳоро аз партобаҳо поккорӣ менамоянд ва дар сабзу хуррам шудани маҳалла саҳми худро мегузоранд.

Ногуфта намонад, ки дар арафи иди Баҳору Наврӯз Баҳодур Сафоев дар озмуни «Раиси маҳаллаи аз ҳама намунавӣ» дар миқёси вилоят сазовори ҷойи дувум шуд ва бо мукофоти пулӣ низ сарфароз гардид. Ҷойи аввали ин озмунро раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қамчифурӯш»-и ноҳияи Тошлоқ Давронбек Абдуллоев ва ҷойи сеюмро раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бачиқир»-и ноҳияи Бувайда Юнусалӣ Маъмиров ишғол намуданд.

Гуфта мешавад, бино ба қарори аъзои ҳакамони озмуни мазкур раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Дилкушо»-и ноҳияи Фарғона Абдуборик Ҳалимов ва раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қошқарён»-и ноҳияи Риштон Дилмурод Ҳамроев низ ба ҳайси раисони беҳтарин пазируфта шуданд ва ба соҳиби ҷойҳои чорум ва панҷум ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардиданд. Чунин қадршиносӣ, албатта, дар арафаи иди Наврӯз масъулияти бештарро ба дӯши ҳар кадоми онҳо бор хоҳад кард.

– Мо баъди эълони қарори Президенти мамлакат дар бораи тайёрӣ ва баргузории иди Наврӯзи имсола ҷамъомаде барпо кардем ва байни фаъолони маҳалла вазифаҳоро тақсим намудем. Маҳаллаи мо асосан аз хонаҳои баландошёна иборат аст ва бошандагони онро миллатҳои гуногун ташкил медиҳанд. То рӯзи ид дар ду деги калон маъракаи суманакпазӣ баргузор мекунем. Ба он занону духтарони маҳаллаамон машғул мешаванд, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Нодирабегим»-и шаҳри Фарғона Моҳирахон Мирзомаҳмудова.

Ба таъкиди ӯ иди Наврӯз дар кишвари мо иди байналмилалӣ эътироф шудааст, барои ҳамин намояндагони миллатҳои гуногун дар маросимҳои идона фаъолона ширкат карда метавонанд. Моҳира Мирзомаҳмудова боз тазаккур дод, ки гузашта аз ин, иди Наврӯз бино ба анъана ҳамчун иди меҳру муҳаббат, саховату мурувват низ маҳсуб мешавад. Дар ин замина фаъолони маҳалла аз чанд хонаводаи камбизоат, пирони барҷомонда, собиқадорони меҳнат ва амсоли он боздид ва ба онҳо савғоҳои идона тақдим хоҳанд кард.

– Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилоят иди Наврӯзро бо чӣ дастовез истиқбол хоҳад кард? – пурсидам аз раиси он, устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона Масъуди Мирзо.

– Соли гузашта бо ширкати мардуми зиёд дар маҷмааи зебои деҳаи Арсифи шаҳри Қувасой маросими наврӯзӣ барпо кардем. Имсол тантанаҳои асосии идона дар маркази вилоят ба вуқӯъ мепайванданд. Мо якҷоя бо фаъолони марказҳои миллӣ-фарҳангии халқҳои дигар



дастаҷамъона ба идгоҳ ҳозир хоҳем шуд. Вале маросимҳои идона дар ноҳияҳои тоҷикнишини Фарғонаву Риштон, Сӯху Олтиариқ, Ёзёвону Қува ва шаҳри Қувасойу ҷойҳои дигар бо шукӯҳи хос идома пайдо хоҳад кард, – посух дод Масъуди Мирзо.

Тавре ки раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилоят дар идома таъкид варзид, онҳо барномаи хосеро низ бо ширкати донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона ба нақша гирифтаанд. Як гурӯҳи донишҷӯён бо қироати шеъру дубайтиҳои наврӯзӣ ва рақсу суруд маросими идонаро шукӯҳи тоза хоҳанд бахшид.

Интизор меравад, ки ба манзури адои фазилатҳои хоси мардуми мо, мисли нишон додани меҳру мурувват, арҷу эҳтиром ва қадршиносии шахсиятҳои маъруф дар доираи иди Наврӯз чанд чорабинӣ низ сурат хоҳанд гирифт. Ин чорабиниҳо аз ташрифи аҳли адабу фарҳанги вилоят ба хонаҳои меҳрубонии кӯдакон ва боздид аз хонаводаҳое иборат аст, ки зану шавҳар аз хонаҳои меҳрубонӣ кӯдаконро барои омӯзишу парвариш фаро гирифтаанд.

Ногуфта намонад, бо назардошти он ки Наврӯзи имсола ба моҳи шарифи Рамазон рост омад, аксари чорабиниҳои идона дар охири рӯз ба вуқӯъ мепайванданд. Он гоҳ шароит мусоидат хоҳад кард, ки мардум баъди ифтор шоду хуррам аз хӯрокҳои гуворои наврӯзӣ тановул карда, дар идома ҳамроҳи аҳли хонавода ва дӯстони худ ба сайру гашт машғул хоҳанд шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## НАҶОТ

### *Лавҳаи манзаравӣ*

Зимистон. Хунукии тоқатфарсо. Шамоли сарди сӯзанда. Яхпораҳои қабат-қабат. Чунин ҳоли вазнину тоқатфарсо ба сари чашма омада буд, ки ҳатто ба ягон тараф ҷунбида наметавонист. Ӯ аз шиддати дарду ранҷ нафасҳои кандакандаи охиронро мегирифту гиряи беашк гулӯгираш мекард. Бо садои пасту нолиши ҷонкоҳ базӯр лабашро ҷунбонда мегуфт: «Наход. Наход зиндагӣ ба поён расида бошад. Наход, ки дигар ҳаргиз ин бори гарон, сардии сахт, яхпораҳои кӯҳмонанд ва садои гӯшхароши шамол, ки ба уллоси вуҳуши чилаи фасли зимистон шабоҳат дошт, аз дӯши ман наравад. Наход, дигар гунҷишкакони оббозикуну сурудхонро набинаму нашунавам…

Чашма на барои худ месӯхт. На. Дар поёни дара боғчае эҳтиёҷ ба оби зулоли ӯ дошт. Навниҳолакон майли шукуфтан доштанд. Агар ин боғча аз беобӣ осебе бинад, чашма ҳаргиз худашро намебахшад. Аз ин рӯ гирякунон аз Худованд наҷот металабид: « – Худовандо, мӯъҷизаҳоят беҳисобанд. Маро аз ин деви сармо наҷот бидеҳ. Боғчае, ки мебинӣ, ба ман эҳтиёҷ дорад. Бояд аз меваҳои шаккарини навниҳолакони он мардум лаззат баранд…»

Ногаҳон аз кучое насими баҳор вазиду воқеа ранги дигар гирифт. Ях ба об шудан оғоз кард. Чашма ба дуо кардан оғоз кард. «Ай Худованди яккаву ягона, мӯъҷизаҳоят зиёданд, агар бихоҳӣ, дар синаи санги хоро низ гулу сабзаву райҳон мерӯяд. Сипос аз ту, ташаккур ба ту».

Навниҳолони боғча, ки умеди охиринашонро аз даст медоданд, гӯё дубора ҷон гирифтанд, якдигарро огоҳ мекарданд: «Чашма аз дасти деви сармо наҷот ёфт, акнун ба мо ёрӣ хоҳад дод». Ин хабари хуш ба гӯши паррандаҳои гармидӯст расиду сурудхонон ҷониби боғча ва чашмаи оби зулол, ки замоне маскани зебоипарастон ва шабпаракҳои рангин буданд, парвоз карданд. Ҳама дар гирди чашма ҷамъ шуда, рақсу бозӣ мекарданд ва аз бахти баланди хеш мефолиданд. Сабзаҳо сар аз хок берун оварда, ба серӣ об менӯшиданд ва аз насими атрогини баҳор лаззат мебурданд. Дар як муддат ҳама ҷо сабзу хуррам гардид. Сурӯру шодмонии ин мурғону навниҳолакону гулу гиёҳи лаби ҷӯ ва чашмаи аз яхбандии зимистон халосхӯрда гӯё аз нав таваллуд шуда буд, ба фазои осмон танинандоз мешуд: «Марҳабо, баҳори гулрез! Марҳабо, фасли шукуфоию эҳёи табиат! Хуш омадӣ ба диёри зебоманзари мо!»

**Саодат САНГИНОВА.**



## МАҲАЛЛАИ БОФАЙЗУ ОБОД – ҲУСНИ ДИЁР

***Баъд аз паси сар шудани даймоҳ фасли баҳори нозанин бо муждаи омад-омади Наврӯзи дилафрӯз ҳамаро хушнуд сохта, ҳар яки моро ба бедорӣ, ободӣ даъват месозад. Ҳар сол дар арафаи иди бостонии Наврӯз барои хуш гузаронидани ин иди бошукӯҳ корҳои ободонӣ бо ҷадал сурат мегирад.***

Дар санаи 16-18 март сар то сари вилояти Сурхондарё таҳти шиори «Маҳаллаи бофайзу обод – ҳусни диёр» ҳашари умумихалқӣ гузаронида шуд.

Дар ин ташаббуси хайриявӣ аз 724 маҳаллаю шаҳру навоҳии вилоят 470 ҳазор нафар шаҳрвандон фаъол ширкат варзиданд. Ходимони идораҳои ободонӣ, ташкилоту муассисаҳо, намояндагони ташкилотҳои ҷамоатӣ ва шаҳрвандони вилоят ҳудудҳои тобеъи худ, хиёбону кӯчаҳо, атрофи биноҳои маъмуриву истиқоматӣ, қабристону зиёратгоҳҳоро тоза намуда, ба ободонии ватану диёри худ саҳми арзанда гузоштанд. Дар ҳашари умумихалқӣ баробари тозаву озода намудани муҳити атроф дар ҳудуди 189 гектар майдону 792 кӯчаи шаҳру навоҳии вилоят корҳои ободонӣ сурат гирифт, 60 км ҷӯйбору заҳбурҳо, гирду атрофи 26 қабристон ва зиёратгоҳ обод гардида, 35-то майдончаи бачагона таъмир карда шуд.

Баҳри амалӣ намудани лоиҳаи «Макони сабз» 83 ҳазору 400 беҳ ниҳолҳои манзаравӣ, 45 ҳазору 600 беҳ ниҳоли меванок, 86 ҳазору 700 дона ниҳоли гулҳои рангоранг шинонида шуд. 76 ҳазору 650 дарахти гирду атроф ба шакл даровarда, бехашон сафед карда шуд ва бо воситаи нақлиёти махсуси партовкаш 228 тонна партов кашонида, ба ҷойҳои махсус рехта шуд. Ин корҳои ободонӣ ба он далолат медиҳад, ки мардум ба ҷашни Наврӯзи бостонӣ омодагӣ мебинанд ва ин иди мардумиро бо шукӯҳу ҷалол таҷлил менамоянд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## ВОҲАИ СУРХОН БО ШОДИЁНАҲОИ НАВРӮЗӢ ЗЕБОТАР МЕГАРДАД

***Баҳор дар кишвари мо аз Сурхондарё оғоз мегирад. Ниҳолу дарахтон бедор мешаванд, гирду атроф ҷомаи сабз ба бар мекунад. Дар пуштаву кӯҳпояҳо бойчечак месабзад, садои мурғҳои хушхон гӯшҳоро менавозад. Дар ин воҳаи бостониву ҳамешаҷавон баъд аз омадани арӯси сол – баҳор дар дегҳо суманакҳо пухта, пиру ҷавон ба пешвози Наврӯз мебароянд.***

Ҷашни Наврӯз, ки дар худ меҳру мурувват, файзу саховат, ободониву озодагӣ барин фазилатҳои ба халқи мо хосро таҷассум намудааст, бармаҳал оғоз меёбад.

Дар вилоят бинобар гармтар омадани обу ҳавои зимистонӣ сайру гаштҳои наврӯзӣ дар маҳалла ва деҳоти воҳа аллакай сар шуданд. Мувофиқи қарори Президенти мамлакат аз 4 март «Дар бораи тайёрӣ ва баргузор кардани ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2024» таҳти ғояи асосии «Олам аз ту нурборон бод Наврӯз!» тантанаҳои наврӯзӣ дар ноҳияҳо ба чорабиниҳои асосии идона табдил ёфтанд.

Алҳол дар ноҳияҳои Бойсун, Бандихон ва Ҷарқӯрғон бахшида ба ин ҷашни куҳан ва ҳамешаҷавон чорабиниҳои тантанавӣ дар савияи баланд гузаронида мешаванд. Дар онҳо ба намоишҳое, ки ҳувияти миллӣ ва урфу одатҳои моро инъикос мекунанд, баҳори зеборо ҳамчун айёми эҳёи табиату инсон васф менамоянд, ҳаёти орому осуда ва фаровони кунуниро тараннум месозанд, эътибори махсус дода мешавад. Ислоҳоти куллан демократӣ, ки имрӯз дар мамлакат амалӣ мешаванд, дигаргуниҳои мусбие, ки дар ҳаёти ҳамарӯза, шуури ҷаҳонбинии одамон рух медиҳанд, ба сифати бо қадрият ва анъанаҳои азалии Наврӯз ҳамоҳанг инъикос меёбанд.

Барномаҳои шавқбахши консертии санъаткорон, намоишҳои театрикунонидашудаи саҳнавӣ, суруду оҳангҳо, бадеҳагӯӣ, байтхонӣ ва ғайра ба ҳама як ҷаҳон хушиву шодӣ мебахшанд.

– Эътибори зиёде, ки дар мамлактамон ба баланд бардоштани қадри инсон нигаронида шудаанд, ба куллан дигаргун гардидани шуури ҷаҳонбинии мардум хидмат мекунанд, – мегӯяд Холдор Суюнов, ки дар ноҳияи Бандихон зиндагӣ дорад. – Дар ин ҷараён эътибор ба модарзамин, обу табиати мафтункор, умуман урфу одатҳои ҷандинҳазорсола меафзояд. Дар деҳот деҳқонӣ ба манбаи даромади ҳаёт табдил ёфтааст, мавқеъ ва аҳамияти Наврӯз дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо меафзояд. Соли равон низ аз муътадил омадани баҳор истифода бурда, мо дар заминҳои худ ба кишту кори тухмиҳои гуногун оғоз намудем. Дар ҷашни Наврӯзи ноҳия ҳаёти ободу озод, зиндагии пуру фаровони имрӯзаи мо тараннум мешаванд, ки ин ба ҳамаамон шодиву нишот эҳдо менамояд.




Дар вилоят ин ҷашни куҳанро дар ҳоле, ки ҳанӯз дар бисёр ҳудудҳои кишвар зимистон ҳукм дораду атрофу акноф барфпӯшанд, истиқбол мегиранд. Дар саҳро кор меҷӯшад. Ниҳол мешинонанд, боғҳои нав бунёд мекунанд, тухмии маҳсулоти озуқаворӣ мепошанд, парвариши сабзаҳои навдамидаи ғалла ба роҳ монда шудааст. Боди сабуки баҳорӣ ба димоғҳо бӯйи гулу гиёҳҳоро расонда, деҳқонону кишоварзонро ба оғӯши саҳро даъват менамояд.

Мувофиқи маълумот сайругаштҳои умумихалқии наврӯзӣ, ки дар ноҳияҳои вилоят оғоз ёфтанд, 18 март ҷамъбаст мешаванд. Чорабинии асосии ҷашни наврӯзии аҳолии Тирмиз ва вилоят дар Қасри муҳташами санъати маркази шаҳр баргузор мегардад. Ҳоли ҳозир барои дар сатҳи баланд гузаронидани ин иди умумихалқӣ тайёрии ҳамаҷониба дида мешавад. Намоишномаҳои таъомҳои миллӣ, маснуоти ҳунармандии миллӣ ва ғайра ташкил мегарданд. Сайри суманак ва бозиҳои шавқовари халқӣ, мусобиқаҳои варзишӣ баргузор мешаванд. Мусобиқаҳои гӯштӣ низ ба пиру ҷавон як олам хушнудӣ бахшида, суннатҳои миллии моро васеъ намоиш медиҳанд.

– Мусобиқаи азими гӯштӣ, ки дар сайри умумихалқии аҳли вилоят ташкил хоҳад шуд, паҳлавонҳои номдори моро ҳам ҷалб менамояд, – мегӯяд роҳбари хидмати ахбори ҳокимияти вилоят Муродбек Давлатов. – Дар ин мусобиқа мукофотҳои пулӣ, аспу гов, уштур ва дигар тухфаҳои гаронбаҳо пешбинӣ шудаанд. Ғолиби мутлақи мусобиқа соҳиби мукофоти асосӣ – мошини сабукрав хоҳад шуд. Ба ин гӯштии азим, ки дар кишвари алпомишҳо баргузор мегардад, паҳлавонҳои машҳури вилоят даъват шудаанд.

Дар гузашта низ мусобиқаҳои халқӣ ҳамчун гӯштӣ, бузкашӣ ва ғайра дар рӯзҳои Наврӯз ба амал омадаанд, ки ба ғояҳои инсонпарваронаи халқҳои дунё ҳамоҳанг буда, сулҳу дӯстӣ, осудагиву зиндагии ҳамҷиҳатро таҷассум кардаанд. Шодиёнаҳои ҷашнӣ, ки дар фасли эҳёву офариниш дар воҳаи ҷанубии мамлакатамон ибтидо гирифтанд, бо таҷассуми чунин қадриятҳои олиҷаноб хеле пуршукӯҳ ва дорои аҳамият мебошанд.

**Холмуъмин МАМАТРАИМОВ,**
**хабарнигори (ЎзА).**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 4250. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.